## Протоколи №18

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045 оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) дар таърихи 24.04.2020

**Иштирок карданд**: аз ҳайати аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ ба миқдори 15 нафар, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони №140 аз 4 декабри соли 2018 тасдиқ карда шудааст, 11 нафар иштирок доранд, аз он ҷумла 3 - нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси дидашавандаи диссертатсия.

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (илмҳои педагогӣ) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Исломов Озод Азимович дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:** котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Дадобоева М.Н. ба самъи ҳамагон расонид, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Исматдинов Алишер Муҳамадович (автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ, диссертатсия) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, диссертант ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.hgu.tj бояд ҷойгир намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, барои қабул намудани диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи

таҳсилоти касбӣ, (илмҳои педагогӣ), роҳбари илмӣ - д.и.п. профессор Азизов А.А. ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин тайин карда шавад:

1. Хоҷаева Мубина Ҷалоловна - профессор, доктори илмҳои педагогӣ, аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, раиси комиссияи ташхис;
2. Дадобоева Муҳарам Наимҷоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, аъзои комиссияи ташхис;
3. Ашӯров Муқим Ҷӯрабоевич - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, аъзои комиссияи ташхис;.

Қарор қабул карда шуд: тарафдор - 11 нафар, зид ва бетараф - нест

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.п.,профессор О.А.Исломов

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент М.Н.Дадобоева